**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Муродова Рухшона Муродовна «Муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврии муосири тоҷик» барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика**

Дар ҷомеаи муосир, ки рӯҳияи демократиро талқин мекунад ва омилҳои иқтисодиву тиҷоратӣ мавқеъ пайдо мекунанд, зарурати ҳамкории расонаҳои ахбор бо мардум дучанд мегардад. Муайян кардани ин хусусияту муносибатҳо нигоҳи замонавӣ ва пажӯҳиши илмиро талаб менамояд. Ин ҳолат на танҳо муносибати журналистӣ, балки муносибати сотсиологиро тақозо дорад, ки зарурати омӯзиш ва пажӯҳиши илмии ин масъаларо асоснок намуда, аз муҳимияти масъалаи мавриди таҳқиқ дарак медиҳад.

То кунун дар илми журналистикаи тоҷик масъалаи муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврӣ дар шакли пажӯҳиши алоҳидаи диссертатсиявӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Аз ин ҷо мавзӯи диссертатсияи Муродова Рухшона Муродовна барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология пешниҳод кардааст, мубрам арзёбӣ шуда, аввалин пажӯҳиши монографие мебошад, ки масъалаи пайдоиши донишҳои сотсиологӣ дар журналистика, ташаккули муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврии тоҷик, мавқеъ ва истифодаи усулҳои сотсиологӣ дар нашрияҳои алоҳида ва амсоли инро дар бар мегирад.

Дисссертатсия аз муқаддима, се бобу шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт бо фарогирии 197 номгӯй иборат мебошад. Дар муқаддима моҳият ва муҳиммияти мавзӯъ асоснок, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян гардидааст. Ҳамчунин, асосҳои назариявию методии таҳқиқ, арзиши илмиву амалии диссертатсия мушаххасан ташреҳ шудааст.

Диссертант самтҳои таҳқиқи мавзӯро мувофиқи мақсад дастабандӣ намуда, дар боби аввал доир ба таърихи ташаккули муносибати сотсиологӣ дар журналистика, заминаҳои пайдоиши донишҳои сотсиологӣ дар журналистика ва ташаккули муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти давриро таҳқиқ намудааст. Дар боби дуюм дар заминаи таҳлили маводи нашрияҳои даврӣ  муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврии тоҷик, истифодаи усулҳои сотсиологӣ дар фаъолияти рӯзноманигорӣ, шаклҳои иртибот бо аудитория, омӯзиши мактубу номаҳои хонандагон, сатҳ ва дараҷаи муносибатҳои сотсиологӣ дар нашрияҳои гуногун, мавқеи омӯзишҳои сотсиологӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи матбуоти даврӣ, омилҳои вусъат пайдо кардани пурсиш ва дигар методҳои сотсиологӣ дар матбуоти муосир ва амсоли ин таҳқиқу таҳлил шудааст. Дар боби сеюм, шаклҳои нави омӯзиши аудитория дар матбуоти муосир таҳқиқ гардида, диссертант кӯшиш намудааст, истифодаи роҳу усулҳои замонавии муносибат бо аудиторияро дар заминаи таҳлил ва баррасии маводи нашриҳои даврӣ нишон диҳад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Муродова Рухшона Муродовна «Муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврии муосири тоҷик» мазмуни асосӣ ва мухтасари рисоларо бо назардошти омилҳои сохториву мундариҷавӣ дар бар гирифта, доир ба мавзӯи тадқиқот маълумоти дақиқи илмиро фаро гирифтааст. Тарзи масъалагузорӣ, таҳлил ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи маводи фаровони марбут ба мавзӯъ, факту далеҳои мушаххас ва музокираронеҳои илмиву мантиқӣ шакл гирифта, хулосаи ниҳоӣ муҳтавои умумии диссертатсияро ифода мекунад.

Дар баробари ин, баъзе мулоҳизоти хешро ҳамчун пешниҳод баён мекунем. Ба фикри мо хуб мешуд, ки баъзи паҳлуҳои мавзӯъ, аз ҷумла

дар меҳмонии редаксия дар қиёс бо маводи дигар нашрияҳо нишон дода мешуд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Муродова Рухшона Муродовна «Муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврии муосири тоҷик» тамоми ҷанбаҳои мавзӯи тадқиқро фаро гирифта, кори анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферат бо тамоми хусусият ва нишондодҳояш ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – журналистика шоиста мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи
журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ
"ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров "
Комилов Каримбой Исломович

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи
журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ
"ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров "
Қосимова Инобат Тухтабоевна

Имзои Комилов К.И. ва Қосимова И.Т.-ро
тасдиқ менамоям
Сардори шӯъбаи
кадрҳо ва корҳои мухсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров "
Ашрапова З.Н.

11.09.2019